**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.01.2025, № 79

Барои сазовор донистани Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 8-уми ноябри соли 2024, суратмаҷлиси № 70 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович 28-уми августи соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси филолог, муаллим хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 2013 дар нашрияи «Мароми Пойтахт»-и КИ ҲҲДТ дар шаҳри Душанбе оғоз намуда, аз 02.09.2024 то ин замон мудири бахши назм, масъули бахши нақди адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович солҳои 2013-2017 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ.**

**Муқарризони расмӣ: Ҳакимов Аскар Олимович,** доктори илмҳои филологӣ, сарходими шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва **Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна,** номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Элбоев Вафо Ҷӯрақулович ва котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо

ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Ҳамзаев, М. Шоирро аз дунёи шеър бояд ҷуст / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/4 (206). – С. 274-278.

[2-М]. Ҳамзаев, М. Мавқеи рубоӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 5. – С. 266-269.

[3-М]. Ҳамзаев, М. Тарҷумаи бадеӣ ва ҳунари тарҷумонии Ғоиб Сафарзода / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 6. – С. 238-242.

[4-М]. Ҳамзаев, М. Таҳаввули маснавӣ дар адабиёти муосир / М. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 6. – С. 175-181.

[5-М]. Имомзода, М.С., Ҳамзаев, М.Қ. Ғоиб Сафарзода ва матбуот / М.С. Имомзода, М.Қ. Ҳамзаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 3. – С. 152-157.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Ҳамзаев, М.Қ. (Сабурӣ, М.) Он чи бомаъност, худ пайдо шавад / М.Қ. Ҳамзаев // Садои Шарқ. – 2019. – №11. – С. 171-191.

[7-М]. Ҳамзаев, М. (Сабурӣ, М.) Ҷусторҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷики садаи XX / М. Ҳамзаев // Садои Шарқ. – 2020. – №12. – С. 153-174.

[8-М]. Ҳамзаев, М.Қ. Рубоӣ дар коргоҳи эҷодии Ғоиб Сафарзода / М.Қ. Ҳамзаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон», ба ифтихори 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддини Айнӣ ва бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (Хуҷанд, 27.04.2023). – Хуҷанд: Ношир, 2023. – С. 585-589.

[9-М]. Ҳамзаев, М.Қ. Нақши тарҷумаи осори бадеӣ дар таҳкими робитаҳои адабӣ (Нигоҳе ба фаъолияти тарҷумонии Ғоиб Сафарзода) / М.Қ. Ҳамзаев // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии»Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва равобити адабӣ» (Хуҷанд, 26-27.04.2024). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2024. – С. 449-454.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Салими Хатлонӣ** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант чаҳор эрод манзур шудааст:

1. Дар муқаддима, дар поёни қисмати «мубрамии мавзуи таҳқиқ» зарурати иловаи як ду ҷумлаи хулосавӣ ба назар мерасад.

2. Дар корҳои илмӣ-таҳқиқӣ аз корбурди калимаю таркиботи мадҳияю тавсифӣ то ҳадде худдорӣ бояд кард. Дар автореферати диссертатсия корбурди ибораҳои тавсифии «шоири рангинхаёл», «донишманди фарҳехта», «муҳаққиқи дақиқназар» ва монанди инҳо ба назар мерасанд.

3. Баъзан дар автореферати диссертатсия талабот ва муқаррароти «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» дар имлои нав риоя нашудааст. Масалан, калимаи пажуҳиш дар бештари ҷой (саҳ. 3, 5, 7, 11...) бо имлои куҳна истифода шуда, ӯ-и дароз гирифтааст.

4. Ҳамчунин, дар рӯйхати номгӯйи осори таълифнамудаи муаллиф ва повароқҳои автореферат баъзе хатоҳои имлоиву техникӣ дида мешаванд.

**2.** Дар **тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забои тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевич** саҳми муҳаққиқ дар манзари нақди адабии тоҷик ва арзёбии мақоми Ғоиб Сафарзода дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX таъкид гардида, автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ дониста шудааст. Дар ин тақриз эрод ба назар намерасад.

**3. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Нуров Нуралӣ Норович,** дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба баъзе камбудиҳои автореферат ишора шудааст:

1. Унвонҷӯ дар фасли дувуми боби севум таҳти унвони «Ғоиб Сафарзода дар манзари нақди адабии тоҷик» дараҷаи нақду баррасии осори Ғоиб Сафарзодаро ба сурати алоҳида нишон медиҳад. Ҳол он ки ин масъала бояд дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ таъин мегардид. Аз сӯйи дигар, дар бораи эҷодиёти Ғоиб Сафарзода тадқиқоти зиёде сурат нагирифта, ки

фасли махсусе ба он ихтисос дода шавад. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуи муқаддима интиқол додани маводи ин фасл мувофиқи мақсад мебошад.

2. Мутаассифона, унвонҷӯ ҳангоми таъини мақоми Ғ. Сафарзода дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70 дар автореферати диссертатсия (шояд дар диссертсия зиёд бошад) ҳатто байте ҳам ба сифати шоҳиди шеърӣ наовардааст.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Ҳамзаев Мухриддин Қаландарович бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ ба пажӯҳиши шеъри солҳои 60-70-уми асри XX пардохта, дар ин замина шеъри Ғоиб Сафарзодаро ба таври татбиқӣ таҳқиқ карда, мақоми ӯро дар шеъри солҳои мавриди назар таъйид намуда, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маҷмуаҳои шеърии Ғоиб Сафарзода, маҷмуаҳои алоҳидаи ашъори шоирони тоҷик аз оғози садаи XX то солҳои 70-ум ва баъд аз он, ёддошту хотираҳои адибон ва амсоли ин анҷом ёфтааст. Ҳамчунин, дар раванди баррасии баҳсҳои аслию фаръии диссертатсия нақши шеъри шоирони русу Аврупо ва Эрон дар шаклгирӣ ва таҳаввули шеъри тоҷик таҳқиқ гардида, осори мавҷуда дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- масъалаҳои марбут ба таҳаввули шеъри тоҷик, ҷусторҳои ҳунарӣ ва навовариҳо дар суннат, ташаккули шахсияти Ғоиб Сафарзода ва намояндагии ӯ аз шеъри солҳои 60-70 **баррасӣ**, моҳият ва аҳаммияти осори ӯ **муайян гардидаанд;**
- хусусиятҳои муҳимми шеъри Ғоиб Сафарзода дар мисоли ҷусторҳои ҳунарии ӯ дар партави шеъри солҳои 60-70 **таҳқиқу баррасӣ гардида, арзишу** моҳияти асосии осори ӯ, ки аз раванди шеъри солҳои мавриди назар гусаста нест, **собит шудааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола омӯзиш ва шинохти ҷанбаҳои гуногуни шеъри Ғоиб Сафарзодаро комилтар

гардонида, дар баррасии раванди таҳаввули шеър ва ҷусторҳои ҳунарии шеъри солҳои 60-70 метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада дар баррасӣ, шинохт ва нақди шеъри солҳои 60-70 мусоидат карда метавонанд. Хулоса, тавсияҳо ва равишҳои пажӯҳишии муҳаққиқро дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун ва зимни баррасии ашъори дигар шоирони давраи мазкур низ метавон истифода бурд.

Маводи манзуршуда ва натиҷаҳои таҳқиқро ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ ва омода намудани китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти муосири тоҷик барои факултетҳои филологӣ ва рӯзноманигории муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба адабиёти садаи XX, корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Ш. Ҳусейнзода, А. Маниёзов, Н. Маъсумӣ, Х. Мирзозода, М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, Х. Отахонова, С. Табаров, В. Асрорӣ, Х. Шарифзода, А. Сатторзода, Х. Асозода, Ю. Акбарзода, А. Ҳакимов, А. Давронов, Р. Ваҳҳобзода, М. Нарзиқул, П. Хонларӣ, Ж. Бадеъ, Н. Нодирпур, Ш. Кадканӣ, М. Гармордӣ, М. Ёҳақӣ, А. Шеърдӯст, А. Қазва, М. Меҳрдод, И. Бечка, Е.Э. Бертелс, И.С. Брагиниский, В.В. Белинский, А.В. Луначарский ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз равишҳои фарҳангӣ-таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ ва таҳлили сохтору муҳтавои осори адабӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди пажӯҳишҳо оид ба таҳаввули шеъри тоҷик, ҷусторҳои ҳунарӣ дар он ва таъйиди мақоми Ғоиб Сафарзода ҳамчун чеҳраи адабӣ метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи шеъри солҳои 60-70-уми асри XX, бахусус, шеъри Ғоиб Сафарзода мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба андозаи зарурӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи

эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва омӯзишу таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи таҳқиқӣ маҳсули ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии чандсолаи муаллиф буда, саҳми фардии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи зиёд роҷеъ ба шеъри солҳои 60-70-уми асри XX ва дар зимни он пажӯҳиши осори Ғоиб Сафарзода мушаххас мешавад.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои шеършиносӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23-юми январи соли 2025 дар бораи сазовор донистани Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, № 360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

23.01.2025.